*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*бо суроғаи ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,*
*Шаҳраки донишҷӯён.*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна» барои дарёфти номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти илмӣ, ки ба танзими давлатии андозбандии самти тиҷорати хурду миёна бахшида шудааст, масъалаи мубрам буда, сазовори таваҷҷӯҳи ҷиддӣ мебошад. Танзими андози давлатӣ барои бахши хурду миёна дар ташаккули фазои соҳибкорӣ, ки дар он ин корхонаҳо метавонанд бомуваффақият фаъолият кунанд, нақши муҳим мебозад. Низоми самараноки андоз метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионӣ ҳавасманд карда, дар ниҳоят ба рушди устувори иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ оварда расонад.

Таҳқиқот, ки ба масъалаҳои танзими давлатии андозбандии соҳибкории хурду миёна бахшида шудааст, бо назардошти аҳамияти он барои рушди иқтисодии кишвар муҳим аст. Мавзуъ дар маркази таваҷҷӯҳи ҳам ҷомеаи илмӣ ва ҳам ниҳодҳои давлатӣ қарор дорад, зеро корхонаҳои хурду миёна дар иқтисодиёт нақши муҳим доранд, ки ба афзоиши ММД, мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва рушди бозорҳои минтақавӣ саҳм мегузоранд.

Мо бо хулосаи довталаб розӣ ҳастем, ки корхонаҳои хурду миёна дар ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, таъмини шуғл ва рушди бозорҳои минтақавӣ нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқот дар ин самт барои таҳияи стратегияҳои самараноки рушд ва дастгирии соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад.

Маҳз ҳамин масъалаҳои актуалӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии Файзуллозода Б.С. ҳаллу фасл шудаанд, ки дар асоси ин, аҳамияти мавзуи интихобкардаи рисола шубҳа надорад. Дар асоси муқаррароти дар автореферат ифодаёфта, мо метавонем хулоса намоем, ки сохтори таҳқиқот пайваста ва мантиқона сохта шудааст. Автореферати диссертасия тамоми фаслхои заруриро дарбар гирифта, бо возеҳ будани баёни мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳо хос аст.

Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот дар он аст, ки унсурҳои нави илмиро дорост, аз инҳо иборатанд:

➢ Бо мақсади ташаккули фишангҳои самарабахши танзими давлатии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурате дар пеш меистад, ки механизмҳои танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна такмил дода шаванд. Бинобар ин, механизми институтсионалии танзими низоми андоз дар шароити бозор коркард ва

пешниҳод карда шуд. Зеро дар ин замина фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ метавонанд имконияти рушд пайдо намоянд. Баланд бардоштани дараҷаи муфидгардонии меъёрҳо ва таъмини идоракунии давлатӣ имконияти ҳалли масъалаҳои баландбардории сатҳи даромадҳо ва некуаҳволии мардум ба амал меорад. Зимнан тавассути таҷдиди инфрасохторҳо ва тақвияти хизматрасониҳои иҷтимоии баландсифат дар маҳалҳо имкониятҳои рушд таъмин мегарданд. Аниқ карда шуд, ки ташаккули фишангҳои ҳамгироии фискалии бахшҳои воқеӣ зарурати таҳияи методикаҳои муайян намудани меъёрҳои андозиро дар бар мегиранд. Дар ин замина муфидгардонии гаронии андози субъектҳои иқтисодӣ ва такмили механизмҳои андоз оид ба ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна муайянкунанда баромад мекунанд;

- Таъмини такмили механизми танзими давлатии андоз ва вусъат бахшидани дастгирии минбаъдаи соҳибкории хурду миёна зарур арзёбӣ мегардад. Танзими давлатии андози фаъолияти субъектҳои хурду миёна, дар робита бо дастгирии давлатӣ барои тақвият додани бахшҳои воқеии иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, тибқи ба роҳ мондани кластери аграрию саноатӣ асоснок гардидаст. Муайян карда шуд, ки такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андоз дар раванди соҳибкорӣ аз иқтидори иқтисодӣ, шаклҳои навоварӣ, сохторӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ вобаста буда, бевосита татбиқи усулҳои эконометрикиро тақозо менамояд. Бо ин роҳ мутобиқгардонии соҳибкории хурду миёна ба тағйироти муҳити рушди устувори молиявии онҳо самаранок ба роҳ монда мешавад. Дар ин самт идоракунии равандҳои инноватсионӣ бо дарназардошти муқаррар намудани омилҳои таъсирбахш дар таъмини устувории молиявӣ ва васеъ кардани манбаи андоз таъмин мегардад.

Муқаррароти мазкур на танҳо натиҷаҳое мебошанд, ки навгониҳои илмӣ доранд, балки барои тараққиёти пурсамари корхонаҳои хурду миёнаи ҷумҳурӣ аҳамияти амалӣ дорад. Аз рӯи автореферат, хулоса баровардан мумкин аст, ки муаллиф вазифаҳои ба миён гузоштаро бомуваффақият ҳал намуда, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳоро бо истифода аз маълумоти таҳлилӣ ва оморие, ки маҷаллаҳои бонуфуз ва нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ интишор кардаанд, муайян мекунад.

Инҳоро ҳамчун эродҳо бояд қайд кард:

- механизми сабук намудани гаронии андоз ба корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра асоснок карда нашудааст;

-нишондиҳандаҳои таҳлил ва арзёбии фаъолияти молиявии корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя таҳия карда шудаанд.

Ин камбудихо арзиши умумии кори диссертатсияро паст карда, ба натиҷаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсир намерасонанд. Сарфи назар аз эродҳои зикршуда, мо чунин мешуморем, ки кори Файзуллозода Б.С. ба дараҷаи рисолаи номзадӣ мувофиқат

мекунад ва аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Вобаста ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки аз он 4 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси маълумоти дар автореферат овардашуда диссертатсия дар сатҳи баланди илми навишта шуда, бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, довталаб Файзуллозода Б.С. сазовори гирифтани унвони илмии номзади илҳои иқтисодӣ мебошад.

Профессори кафедраи назарияи иқтисод
ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ,
Профессор, академики Академияи байналхалқии
мактабҳои олӣ Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, к. М. Турсунзода, 30.
Тел: 917-505-401, e-mail: www.rtsu.tj

22.05.2024